# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D020100 – фалсафа пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмии Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» таълиф гардидааст, ки аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қ. Каримов дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш" мазмунан ва мантиқан ба талаботи шиносномаи ихтисоси Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси 6D 020100 – фалсафа (6D 020102 – Таърихи фалсафа) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Аҳамият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Каримов Қ.О. дар он ифода мeёбад, ки дар диссертатсия қайд гардидааст, ки осори арзишманди ин ду маорифпарвар - Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб мeёбанд. Мазмун ва моҳияти осори фалсафии онҳо натанҳо файласуфони муосир, балки тамоми инсонҳоеро, ки кӯшиши дарки ҷаҳон ва ҳастии инсонро доранд, ба худ ҷалб намуда, омӯзиши онҳо дар шароити муосир дорои аҳамияти бузург мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ба нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд дар диссертатсия ба таври возеҳ баён гардидаанд.** Ҳамзамон, муаллиф дар самти навгониҳои кори таҳқиқоти худ, он нуктаҳоеро асоснок мекунад, ки андешаҳои маорифпарварии ин ду донишманд ва афкори фалсафии онҳо аз мавқеи ратсионалистӣ буда, онҳо масъалаҳои мавҷудаpо дар мизони ақл пешниҳод мекунанд ва ба нерӯи созандаи ақл бовар доранд. Муаллиф андешаҳои маорифпарварии шарқӣ ва ғарбиро дар асоси осори ин ду мутафаккир мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода, ба чунин хулоса меояд, ки ҳадафи ин донишмандон як аст, ки он ҳам – маърифатнок кардани аҳли ҷомеа мебошад. Маҳз аз ин нуқтаи назар, муаллиф қайд менамояд, ки тибқи талаботи консепсияи тарбияи табиии Ж.Ж. Руссо ва назарияи тарбияи Аҳмади Дониш барои ташаккули инсон омилҳои гуногуни тарбиявӣ нақши муассир доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** аз он иборат аст, ки асоси ҳар як кори диссертатсиониро сарчашма ва адабиётҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки дар таҳқиқот истифода гардидаанд, ташкил медиҳад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки сарчашмаҳои зиёдеро аз осори файласуфони аврупоии асри XIX, мутафаккирони рус ва муҳаққиқони илмҳои фалсафии ватанӣ истифода барад. Инчунин муаллиф дар кори диссертатсионии худ аз мақола ва асарҳои олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба соҳаҳои фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва ғайра пурмаҳсул истифода намудааст. Дастовардҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки мақоми воқеии ҷараёни маорифпарварии аврупоӣ ва тоҷик дар ҳадди қиёс муайян карда шавад.

**Ҳамин тариқ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дақиқияти маълумот, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, иҷро гардидааст. Каримов Қ.О. дар асоси ҳадафи асосии таҳқиқот, ки таҳқиқи сарчашмаҳои асосии пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Миёна бо дар назардошти нишон додани ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи ақидаҳои маорифпарварон - Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш мебошад ба тафсил ва объективона таҳқиқ намудааст. Инчунин таҳқиқоти мазкур боз аз он ҷиҳат дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад, ки дар раванди таҳқиқот, муаллиф заминаҳои асосии пайдоиши маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Миёна, сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, моҳияти асосии фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва назарияи тарбияи Аҳмади Дониш баррасӣ намуда, нуктаҳои асосии ин таълимотро ба таври конкретӣ натиҷагирӣ мекунад.

Ҳамзамон аҳамияти илмии кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар он методҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ ва дигар методҳову усулҳои маъмули илмӣ истифода гардидаанд.

Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат мебошад, ки муаллиф ба таҳлили асосҳои назариявии масъала пардохта, аввалин бор моҳият ва хусусиятҳои фарққунандаи маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Миёна, масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, моҳияти фалсафии консепсияҳои маорифпарварии мутафаккирони мазкур, таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули

афкори фалсафии ҳамасрон ва наслҳои минбаъда мавриди таҳлили фалсафӣ қарор гирифтаанд.

Боби якуми кори диссертатсионӣ, ки "Нақши Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарварӣ" ном дорад, асосан дар он ҷанбаи назариявии мавзӯъ баррасӣ гардидааст. Дар ин боб оид ба мафҳум, моҳият, хусусиятҳо ва омилҳои пайдоиш ва зуҳури маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Миёна, умумиятҳо ва фарқиятҳои ин падидаи иҷтимоӣ таҳлилҳо ба назар мерасанд. Инчунин муаллиф, сарчашмаҳои ғоявии чаҳонбинии ин ду мутафаккирро таҳлил намуда, моҳияти андешаҳои маорифпарваронаи онҳоро баён месозад.

Асосан мавзӯи рисолаи диссертатасионӣ ва ҳадафи гузошташуда дар боби дуюм, ки "Тамоюлгирии андешаҳои гуманистии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш таҳлили муқоисавӣ" ном дорад, ба таври муфассал кушода шудааст. Дар ин боб ва зербобҳои он моҳияти масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, ҷойгоҳи консепсияҳои тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва тарбияи Аҳмади Дониш ва дар ташаккули афкори фалсафӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, дастоварди асосии кори диссертатсионии мазкур, ин ироаи фикр ва мулоҳизаҳои худи муаллиф дар рисола аст, ки ба таври васеъ ба назар мерасад. Махсусан дар охири ҳар як зербоб хулосаҳои худи муаллиф оварда шудаанд, ки аз савияи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ доштани муаллиф дарак медиҳад.

Дар баробари дастовардҳо, дар кори диссертатсионии мазкур хатоҳои имлоӣ, маъноӣ, услубӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд. Вале ин иштибоҳҳо моҳияти илмиву пажуҳишии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд.

**Натиҷаҳои диссертатсия** дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсионии «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» кори илмии тахассусии анҷомёфта буда, ба меъёрҳои "Низомнома оид ба тартиб додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D.02.06.00. – диншиносӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ, Ректори**
**Донишкадаи исломии Тоҷикистон**
**ба номи Имоми Аъзам- Абуҳанифа,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Зокирзода Н.М.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ 58/1,
Донишкадаи исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам- Абуҳанифа,
тел.: + 992 908 908 515 ; 224 13 78
email: nusrat68@mail.ru

**Имзои Зокирзода Н.М. тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДИТ ба номи**
**Имоми Аъзам- Абуҳанифа** **Ҷомадов Х. А.**

8.01.2024